**Тақриз**

**ба фишурдаи диссертатсияи Саидова Мавзуна Абдулҳакимовна таҳти унвони «Таҳлили сохторӣ - семантикии нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар заминаи асари «Ёддоштҳо»- и С.Айнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ, ки дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ иҷро шудааст.**

Нутқи мазмунан нақлшуда яке аз масъалаҳои мубрам ва таҳқиқнашудаи забоншиносии муқоисавии тоҷикиву англисӣ мебошад. Он дар забони англисӣ хусусиятҳои хос, доираи истифодаи махсус ва тафовуту умумиятҳо дорад.

Диссертатсияи Саидова М.А. дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ - семантикии нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар заминаи асари «Ёддоштҳо»- и С.Айнӣ» , ки ба таҳқиқи муқоисавии нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикив ва англисӣ бахшида шудааст, ҳамин паҳлуҳои дар боло зикршударо фаро мегирад, ки ба раванди инкишофи забоншиносии муқоисавӣ аз манфиат холӣ нест.

Дар автореферати диссертатсия муҳаққиқ пешниҳод менамояд, диссертатсия аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо, руйхати адабиёт ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат аст.

Дар муқаддимаи таҳқиқот муаллиф оид ба мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, методҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, сарчашмаи таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тавсиб ва

амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия сухан рондааст.

Боби якуми диссертатсия «Мушкилоти омӯзиши нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикию англисӣ» ном дошта, аз се зербоб иборат мебошад. Боби дуюми диссертатсия «Хусусиятҳои хоси мутобиқатии замонҳо дар забони англисӣ ва муқоисаи он бо забони тоҷикӣ» унвон дошта, аз се зербоб иборат мебошад. Боби сеюми диссертатсия «Усулҳои ифодаи навъҳои гуногуни ҷумлаҳо дар нутқи мазмунан нақлшуда дар заминаи маводи “Ёддоштҳо”-и С.Айнӣ» номгузорӣ карда шуда, аз се фасл иборат аст. Дар хулоса муаллиф натиҷаҳои асосии таҳқиқотро дар асоси маводи асари бадеӣ ҷамъбаст намудааст.

Нутқи мазмунан нақлшуда дар забони англисӣ аз мавзуҳои мушкили грамматикӣ ба ҳисоб меравад, зеро дар он қоидаи мутобиқгардонии замонҳо мавҷуд аст, ки хоси забон англисӣ буда, нисбат ба забонҳои дигар тафовуткунанда мебошад. Дар баробари ин, истифдаи навъҳои гуногуни ҷумлаҳо, ки тағйирпазиранд, мураккабии онро дар нутқ бештар менамояд, ки ба хонандаи забони дигар бетаъсир нест. Аз ин рӯ, мавзуи диссертатсия саривақтӣ буда, дар он муҳаққиқ тамоми хусусиятҳои нутқи мазмунан нақлшудаи забони тоҷикӣ ва англисиро ба риштаи таҳқиқи муқоисавӣ кашидааст ва тавонистааст, ки дар ин самт ба баъзе дастовардҳои нав ноил шавад.

Дар бобҳои алоҳидаи диссертатсия пешниҳод ва хулосаҳои муҳаққиқ дар замина асари бадеӣ оварда шудаанд, ки дастовардҳои асосиро дар ин самт зикр менамоянд.

Муҳаққиқи диссертатсия дар асл тавонистааст паҳлуҳои баҳсноки масъаларо таҳқиқ намояд ва ба хулосаҳои асосӣ ояд, ки онҳо дар забоншиносии муқоисавӣ андешаҳои нав ва дақиқ ба ҳисоб меравaнд.

Фишурдаи диссертатсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мазмуни рисоларо пурра инъикос менамояд ва мақолаҳои чоп намудаи муаллиф ҳам ба талабот ҷавобгӯ аст.

Бо вуҷуди дар сатҳи баланди илмӣ таълиф ёфтани диссертатсия, дар он камбудиву норасоиҳо ба чашм мерасанд, ки асосан хатогиҳои имлоӣ ба ҳисоб мераванд, дар баъзе ҷойҳои автореферат ғалатҳои услубӣ ва имлоӣ низ ба чашм мерасанд.

Камбудиҳои ишорашуда ба аҳамияти таҳқиқот таъсири манфӣ намерасонанд, зеро онҳо ислоҳпазиранд.

Ҳамин тавр, автореферати диссертатсияи Саидова Мавзуна Абдулҳакимовна дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ - семантикии нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар заминаи асари «Ёддоштҳо»- и С.Айнӣ», дуруст ва пурра буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ сазовор мебошад.

Мудири кафедраи забонҳои хориҷӣ,
факултети дипломатия ва сиёсати
Академияи идоракунии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
н.и.п.,дотсент Кармышева Бунавша Назруллоевна

**Маълумот барои иртибот:**
**Суроғаи корӣ:** 734055 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе,
кӯчаи С.Носир, 33
**Тел:** (+992) 988007444 моб.
**E -mail** bunavsha.karmysheva@mail.ru

Имзои Б.Н. Кармышеваро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси
Академияи идоракунии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳамидов Ш.Б